«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
__________ Гулназарзода Ҷило Бурӣ
«_24_» ______июни______ соли 2022

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Диссертатсия Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»** дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода шудааст.

Мавзуи диссертатсияи мазкур ҷиҳати такмилу таҷдид дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 30-юми апрели соли 2020, № 9/3-5 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи факултети филологияи руси ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз 27.04.2022, №9 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Мушовири илмӣ – Каримова Ирина Холовна, доктори илмҳои педагогӣ, академик, ноиби Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Раҷабзода Маҳмадулло соли 2004 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи “Ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ»” дифоъ карда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот гардида, дар давоми солҳои 2010-2022 ба таҳқиқи равияи нави илми муосири педагогика машғул аст, ки тайи ин солҳо якчанд асари илмӣ вобаста ба таҳқиқоти квалиметриии илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф намудааст.

Шурои олимони факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳо Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадуллоро дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» бо ширкати муқарризони холис – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети филологияи руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мухаметов Гапур Бобоевич ва доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Шербоев Саидбой дар иртибот ба нишондоди “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, баррасӣ ва муҳокима намуд.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло ба яке аз мавзуъҳои мабрами ба таҳқиқоти квалиметрии педагогӣ даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, таҳқиқоти ҷудогонаи аввал дар илми ватанӣ ба шумор меравад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Таҳаввулоти даврони истиқлол ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир расонид. Табиист, ки илмҳои педагогӣ аз ин раванд истисно нест. Аҳамияти иҷтимоии илмҳои педагогиро саҳми воқеие, ки он дар ҳалли масъалаҳои ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, таъмини илмӣ-методии таҳсилоти муттасил, баланд бардоштани самаранокии таҳсилот ва тарбияи насли наврас, бунёди неруи фикрии ҷомеа, дар ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кишвар гузоштааст, муайян менамояд. Ҷойгоҳи илмҳои педагогӣ дар низоми илм ва таҳсилоти ватанӣ аз дастовардҳои амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, пешрафти ислоҳот дар соҳаҳои иҷтимоиёту иқтисодиёт, афзудани истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва муҳтавои ҳаёти маънавӣ дар ҷомеа вобастагии амиқ дорад. Бо шарофати истиқлоли миллӣ дар риштаҳои гуногуни илму маориф ва низоми таҳсилот муносибатҳои комилан нав ва рушдёбанда ташаккул ёфтанд. Ҳамин нукта мусаллам аст, ки яке аз омилҳои муҳими рушди ҷомеа, маҳаки муаянкунандаи сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар ва неруи таҳкимбахши низоми таҳсилот дар Тоҷикистон илм ба шумор меравад.

Бо назардошти накши калидии илм дар пешрафти ҷомеаи муосир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузориро барои рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим зина ба зина афзоиш дода истодааст. Вобаста ба ин, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳои илму таҳсилот – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷиҳати такмили илмии сиёсати маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста тадбирҳои судманд андешида, тавсияҳои асосноки илмӣ пешниҳод менамоянд.

Дар натиҷаи кӯшишҳои пайваста ва силсилаи пажӯҳишҳои илмии олимони соҳаи педагогика имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими илми ватанӣ – квалиметрия, ки ба омӯзиши қонуниятҳои рушди илм ҳамчун низоми мукаммал ва шакли махсуси фаъолият машғул аст, ташаккул меёбад. Тавсияҳои он барои коркарди аз нигоҳи илмӣ асосноки принсипҳои созмондиҳӣ, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва идоракунии илм равона карда шудаанд. То имрӯз дар Тоҷикистон ягон таҳқиқоти бунёдии мушаххас, кашфиёту ихтироот ё методикаи илмие, ки ба арзёбии воқеии сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, муқоисаи асоснокии илмии пажӯҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, дар соҳаи педагогика бахшида

шуда бошад, анҷом дода нашудааст. То кунун ҷомеаи педагогии Тоҷикистон оид ба мавзуи таҳқиқшаванда маълумоти кофӣ надоштанд ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба таҳқиқоти педагогӣ аз нигоҳи илмӣ саҳеҳ ва асоснок коркард нашудааст. Инро таҳлили фаъолияти 3 шурои диссертатсионӣ (докторӣ ва номзадӣ) дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия таъсис ёфта, фаъолият доштанд, собит намуд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар тӯли беш аз 30 соли охир дар шуроҳои диссертатсионӣ реестр ё феҳристи ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ оид ба илмҳои педагогика таҳия нагардида, оид ба квалиметрия, тартибу меъёрҳои он ягон таҳқиқоти мукаммал ва бунёдӣ бахшида нашудааст. Ҳамзамон, шуроҳои диссертатсионӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ то рӯзҳои наздик сомонаи алоҳида надоштанд, ки ин низ раванди пешбурди самараноки таҳқиқоти илмӣ-педагогиро дар ҷумҳурӣ ниҳоят душвор гардонида буд. Илова бар ин, шумораи зиёди муҳаққиқони кишвар бо сабабҳои камбудии маблағ ва ғайра имконияти ҳимояи таҳқиқоти диссертатсиониро дар хориҷи кишвар надоштанд. Муттамарказонидани захираҳои бузурги илмӣ-иттилоотӣ дар китобхонаҳо, бойгониҳо ва марказҳои бонуфузи илмии Россия душвор гашт ва истифодаи онҳоро барои олимону муҳаққиқони кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ имконнопазир гардид.

Чунин вазъият зарурати таъсиси мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ – Комиссияи олии аттестатсиониро дар кишвар ба миён овард.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи истифодаи дастовардҳои илмии квалиметрия такмил ёфта, низоми мафҳумии он бо истилоҳоти тозаи илмӣ таъмин ва ҷиҳати рушди минбаъдаи илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи аз нигоҳи илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод мегардад. Ба аспирантону унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисоси (PhD) соҳаи илмҳои педагогӣ барои ташхиси раванд ва натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо дода шуда, сатҳи заҳматталабии раванди арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ коҳиш дода шудааст.

Маводи таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон татбиқ гардидаанд. Ҳамзамон, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат менамояд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.12.2014, №765) ва «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503)» иҷро гардида, ҳамзамон, ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода бо унвони «Асосҳои татбиқи технологияи навини педагогӣ дар раванди таълим барои солҳои 2016-2020» алоқаманд аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ бевосита аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда, тӯли солҳои зиёд дар раванди арзёбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба илмҳои педагогӣ ба сифати узви шӯрои диссертатсионӣ, муқарриз, муқарризи расмӣ бевосита ширкат варзида, туфайли он аз методҳои квалиметрии арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар заминаи омӯзиш муҳаққиқ тавассути чопи асару мақолаҳои илмӣ бори нахуст афзалияти истифодаи методҳои квалиметриро дар ҷараёни арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, диссертатсионӣ собит намудааст.

Таркиби диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, ва замима иборат мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи диссертант мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар давоми солҳои 2010-2022 дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, конференсияҳои донишкадавӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ пешниҳод ва муҳокима гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 монография ва 41 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

### А) Монографияҳо

**[1 - М].** Раҷабов, М. Пажӯҳишшиносӣ дар илмсанҷӣ. Монография / М. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 2014. - 160 с.

**[2 - М].** Раҷабов, М. Таҳқиқоти рисолаҳои илмӣ дар фазои илмсанҷӣ / М.Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 2014. - 143 с.

[3 - М]. Раджабов, М. Квалиметрия педагогических исследований таджикских учёных в период государственной независимости Таджикистана / М. Раджабов. – Душанбе, Ирфон, 2014. – 226 с.
[4 - М]. Раджабов, М Разработка научных работ в русле диссертационных исследований в Таджикистане / М. Раджабов. – Душанбе, Ирфон, 2014. – 160 с.
[5 - М]. Раджабзода, М Проблемы и перспективы развития педагогической науки в период государственной независимости Таджикистана / М. Раджабзода. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 448 с.
[6 - М]. Раджабзода, М Квалиметрический анализ диссертационных исследовании выпускников Академии образования Таджикистана / М. Раджабзода, Г. Мухторова. – Душанбе: Ирфон. 2018. - 306 с.

**Б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

[7 - М]. Раҷабов, М. Проблемаи пажӯҳишҳои педагогӣ: таҳқиқи мавридӣ / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2010. – № 4 (60). – С. 301-305. ISSN 2074-1847.
[8 - М]. Раджабов, М. Наукометрические исследования научных кадров ТГПУ им. Садриддина Айни за период с 1981по 1991 гг. / М. Раджабов // Вестник педагогического университета. – 2012. – №5 (48). – С. 203-205. ISSN 2219–5408.
[9 - М]. Раҷабов, М. Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон: таҳқиқоти наукометрӣ дар пояи усули ҳисоби интишорӣ / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2012. - №5 (48). – С. 205-208. ISSN 2219–5408.
[10 - М]. Раҷабов, М. Наукометрическая оценка продуктивности диссертаций, защищенных в Республике Таджикистан (педагогические науки) / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2013. - №1 (50). – С. 309-315. ISSN 2219–5408.
[11 - М]. Раҷабов, М. Омӯзиши ақидаҳои педагогии Садриддин Айнӣ дар солҳои 50-70-уми садаи ХХ: таҳқиқоти илмсанҷӣ / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2013. – №1 (50). – С. 315-319. ISSN 2219–5408.
[12 - М]. Раҷабов, М. Наукометрический анализ результативности диссертаций, защищенных в диссертационном совете НИИ развития образования / М. Раҷабов // Вестник педагогического университета. – 2013. - №2 (51). – С.191-193. ISSN 2219–5408.
[13 - М]. Раҷабов, М. Шӯроҳои диссертатсионӣ: зарурият ба таҳқиқоти наукометрӣ / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2013. - №2 (51). – С. 193-199. ISSN 2219–5408.
[14 - М]. Раджабов, М. Наукометрия ведущая от информационного прогресса к международному сотрудничеству / М. Раджабов // Вестник педагогического университета. – 2013. – №6 (55). – С. 236-239. ISSN 2219–5408.

[15 - M]. Раджабов, М. Квалиметрия научных работ таджикских учёных: состояние и проблемы / М. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. - № 3/2 (132). – С. 205-208. ISSN 2074-1847.

[16 - M]. Раджабов, М. Об анализе и результативность защиты диссертаций на Диссертационном совете Академии образования Таджикистана / М. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. -2014. - № 3/8 (150). – Ч. 1. – С. 192-198. ISSN 2074-1847.

[17 - M]. Раджабов, М. Квалиметрия научных исследований на современном этапе / М. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. - №3/9 (154). – С. 211-214. ISSN 2074-1847.

[18 - M]. Раджабов, М. Оценка качества и эффективность педагогических исследований в Таджикистане / М. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – №3/8(150). – С. 230-234. ISSN 2074-1847.

[19 - M]. Раджабов, М. Становление таджикской педагогической наукометрии: состояние и перспективы / М. Раджабов // Вестник педагогического университета. – 2014. - №6(61). – С. 227-232. ISSN 2219–5408.

[20 - M]. Раҷабов, М. Муҳимияти масъалаҳои илмшиносии педагогӣ дар Тоҷикистон / М. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2015. - №3 (64). – С. 3-6. ISSN 2219–5408.

[21 - M]. Раджабов, М. Проблемы квалиметрического анализа исследований таджикских ученых / М. Раджабзода // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – 2015. - № 1(48). -С. 98-104. ISSN 2077-8325.

[22 - M]. Раҷабзода, М. Вазъият ва дурнамои омӯзиши мушкилоти истилоҳоти педагогӣ: таҳқиқоти квалиметрӣ / М. Раҷабзода // Паёми донишкадаи забонҳо. – 2019. – № 4(36). – С. 90-98. ISSN 2226-9355.

[23 - M]. Раҷабзода, М. Таҳаввулоти таҳқиқи проблемаҳои педагогӣ ва таассури он дар низоми маориф ва илм / М. Раҷабзода // Паёми донишкадаи забонҳо. – 2020. – № 1(37). – С. 81-89. ISSN 2226-9355.

[24 - M]. Раҷабзода, М. Педагогикаи муосири миллӣ: таҳлили квалиметрии пажӯҳишҳои бунёдӣ / М. Раҷабзода // Паёми Донишкадаи забонҳо. – 2020. – № 2(38). – С.76-85. ISSN 2226-9355.

[25 - M]. Раджабзода, М. Квалиметрия как инструмент оценки качества и эффективность педагогических исследований / М. Раджабзода // Вестник института языков. – 2020. – № 3(39). – С.89-95. ISSN 2226-9355.

[26 - M]. Каримова, И.Х. Моҳияти методологияи таҳқиқоти педагогӣ, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он / И.Х. Каримова, **М.Раҷабзода** // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. – №3(44). – С.28-34. ISSN 2222-9809.

[27 - M]. Раҷабзода, М. Ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он / М. Раҷабзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 3(39). – С.72-82. ISSN 2617-5320.

**В) Мақолаҳои дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табърасида:**

**[28 - М].** Халилӣ, Т. Равишҳои густариши тафаккури пажӯҳишӣ дар донишомӯзон / Т. Халилӣ, **М. Раҷабов** // Паёми пажӯҳишгоҳ: маҷаллаи илмию таҳлилӣ. – 2010. - №4. – С. 90-101. ISSN 2222-1948.

**[29 - М].** Сулаймонӣ, С. Пажӯҳишҳои педагогӣ дар асоси методологияи созандагароӣ / *С. Сулаймонӣ,* **М. Раҷабов** // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2011. - №1-2. – С. 13-19. ISSN 2222-9809.

**[30 - М].** Сулаймонӣ, С. Мушкилоти пажӯҳиш дар педагогикаи фарҳангшиносӣ / *С. Сулаймонӣ, М. Раҷабов* // Паёми педагогика: маҷаллаи илмию таҳлилӣ. – 2011. - №3-4 (7-8). – С. 100-104. ISSN 2222-1948.

**[31 - М].** Сулаймонӣ, С. Мактаби асолатгароӣ дар пажӯҳишҳои педагогӣ / *С. Сулаймонӣ,* ***М. Раҷабов*** // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2012. - №2 (9). – С. 13-20. ISSN 2222-9809.

**[32 - М].** Негматов С. Мурури ба мушкилии таҳқиқи илмсанҷӣ дар педагогикаи тоҷик / *С. Негматов,* ***М. Раҷабов*** // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2012. - №4(11). – С. 43-47. ISSN 2222-9809.

**[33 - М].** Раджабов, М. Наукометрические исследования на материале статей / М. Раджабов // Вестник наука и инновация. -2013. - №2 (4). -С. 64-67. ISSN 2308-3662.

**[34 - М].** Раҷабов, М. Илмсанҷии педагогӣ дар ростои пажӯҳишҳои навин / М. Раҷабов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. - №2 (13). - С. 109-113. ISSN 2222-9809.

**[35 - М].** Раджабов, М. Информационно-коммуникационных технологий в педагогической наукометрии: к постановке вопроса / М. Раджабов // Наука и инновация. – 2014. - №1-2 (7-8). – С. 5-9. ISSN 2308-3662.

**[36 - М].** Раҷабов, М. Оини пажӯҳиш дар педагогика / М. Раҷабов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2014. - №1 (15), С. 56-72. ISSN 2222-9809.

**[37 - М].** Раҷабов, М. Мушкилоти пажӯҳишҳои педагогӣ дар ростои парадигмаҳои навин / М. Раҷабов // Паёми Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон.-2014.-№2(16).-С.151-159 . ISSN 2222-9809.

**[38 - М].** Раҷабов, М. Проблемаҳои арзёбии сифати рисолаҳои илмӣ / М. Раҷабов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2014. - №3 (17). – С. 77-93. ISSN 2222-9809.

**[39 - М].** Раджабов, М. Квалиметрия педагогических исследований таджикских ученых в период независимости Таджикистана: к постановке вопроса / М. Раджабов // Вестник Академии образования Таджикистана. – 2014. - №4 (18). – С. 134-144. ISSN 2222-9809.

[40 - М]. Раҷабов, М. Самт ва ҳадафҳои **таҳқиқоти бунёдӣ** ва амалии **муҳаққиқони** Пажӯҳишгоҳи рушди **маорифи Академияи** таҳсилоти Тоҷикистон дар соли 2014 / М. Раҷабов, **Ҳ. Сатторова** // Илм ва инноватсия: маҷаллаи илмию методии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ. – 2015. -№1-2 (12). – С. 16-20. ISSN 2308-3662.
[41 - М]. Раҷабов М., Сатторова Ҳ. Арзёбии таҳқиқотҳои илмии ходимони Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон / М.Раҷабов, **Ҳ. Сатторова** // Паёми Донишкадаи забонҳо. - 2015. – №2-3 (18-19). - С. 84-88. ISSN 2226-9355.
[42 - М]. Раджабов, М. О некоторых проблемах педагогических исследований в Таджикистане: квалиметрический подход / М. Раджабов // Сборник научных статей региональной конференции на тему: «Состояние науки в республике» - Душанбе, 2015. -С. 100-108.
[43 - М]. Раджабов, М. Историографический анализ педагогических проблем: квалиметрический подход / М. Раджабов // Вестник института языков. – 2015. - №2-3(18-19). – С. 77-83. ISSN 2226-9355.
[44 - М]. Раджабов, М. Квалиметрический анализ педагогических исследований Института развития АОТ / М. Раджабов // Илм ва инноватсия: маҷаллаи илмию методии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ. – 2015. - №4 (10). - С. 5-16. ISSN 2308-3662.
[45 - М]. Раджабзода, М. О некоторых мерах по поддержке педагогических наук в Республике Таджикистан / М. Раджабзода // Паёми Донишкадаи забонҳо. – 2016. - №2(22). – С. 94-106. ISSN 2226-9355.
[46 - М]. Раҷабзода, М. Арзёбии педагогии пажӯҳишҳои академик Шарифзода Файзулло / М. Раҷабзода // Паёми Донишкадаи забонҳо. – 2017. - №1(25). – С. 140-146. ISSN 2226-9355.
[47 - М]. Раҷабзода, М. Таҳлили квалиметрии рисолаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Забони миллат - ҳастии миллат» / М. Раҷабзода // Масъалаҳои забоншиносӣ ва тарҷума. – 2018. – №1 (1). – С. 18-29.

Ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пас аз баррасии масъалаи мазкур ва дар асоси фикру андешаҳои баёнгардида,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 47, 48, 49, 50, 51-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои дифоъ ба шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 13 нафар “муқобил” – 0 нафар, “бетараф” – 0 нафар, суратҷаласаи № 11 аз 23 июни соли 2022.

**Раиси Шурои олимони факултети филологияи рус:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Джамирова Леммара Иосифовна

**Муқарризон:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
декани факултети филологияи руси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мухаметов Гапур Бобоевич

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи таълими
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Шербоев Саидбой

**Котиби Шурои олимони факултет:** Ҳоҷатов Бахтиёр Давлатҷонович

Имзоҳои Джамирова Л.И., Мухаметов Г.Б., Шербоев С. ва Ҳоҷатов Б.Д.-ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзод Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
ШУЪБАИ КАДРҲО

**Нишонӣ: 734019,** ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003, Сомона: www.ddzt.tj